

# А.Н. Болдирев: эроншиноси покизакор

Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ

Равоншод, профессор Александр Николаевич Болдирев аз ҷумлаи эроншиносоне ба шумор меояд, ки бағоят покизакору амонатдоранд, ва бо ҳамин далелҳо ҳам «пуркор» маҳсуб намешуд, яъне даҳҳо китобу садҳо мақола чопу нашр накард, балки теъдоди осорашон дар ҳудуди сад аст.

А.Н. Болдирев 29 майи соли 1909 дар шаҳри Санкт Петербург, дар хонаводаи номдор (ҳарду бобояш генерал буданд ва дар ҷанги Русия бо Туркия дар 1877-1978 иштирок кардаанд) таваллуд шуд ва ҳамон ҷо омӯзишгоҳи машҳури «Петер шуллӣ»-ро ба поён бурд ва мехост баҳрнаворд шавад, аммо ба хотири ашрофзодагӣ напазируфтанд. Бо маслиҳати падар ба Донишгоҳи Санкт Петербург рафт, ва дар риштаи эроншиносӣ таҳсил кард ва онро хеле зуд, дар 1931 хатм кард. Ду сол кори муносибе пайдо накард ва дар омӯзишгоҳҳои шаҳр забони олмонӣ дарс дод. Дар соли 1933 имкони рафтан ба Тоҷикистон пеш омад, ва Устод ҳеҷ даранг накард. Тоҷикистони шарқиро, ки ҳама кӯҳистон аст ва мағз андар мағзаш тоҷикон зиндагӣ мекунанд, пиёдаю савора паймуд. Дар 1936 ба Санкт Петербург баргашт ва то 1942 дар Эрмитажи давлатӣ, ки ҳам музей ва ҳам пажӯҳишгоҳ, кор кард, ва ҳамзамон дар Донишгоҳ, дар кафедраи эроншиносӣ ба тадрис пардохт. Дар соли 1950 ба раёсати ҳамин кафедра интихоб шуд ва то соли 1981 ҳамин вазифаро дар ӯҳда дошт. Дар замони Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ, ки бисёре аз донишмандону устодони Русия ба минтақаҳои амн (монанди Осиёи Миёна) кӯч бастанд, ӯ дар Санкт Петербург монд ва дар гурӯҳи муҳофизони Эрмитаж ба хидмат идома дод. Устод аз он давраи пурдаҳшат ёддоштҳои арзишманде ба ёдгор гузоштаанд, ки ҳамсари гиромиашон, профессор Виктория Гарбузова дар соли 1998 онҳоро ба чоп расонд.

Устод дар 1941 дар оғози Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ, рисолаи номзадӣ (дар мавзуи «Фолклор ва адабиёти Бадахшон») ҳимоя карданд ва дар 1954 барои пажӯҳишҳои илмӣ дар заминаи рӯзгор ва осори Зайниддин Маҳмуди Восифии Хуросонӣ дараҷаи илмии доктриро дарёфт намуд. Соли баъд уро барои дарёфти унвони олии донишгоҳӣ: «профессор» сазовор донистанд. Устод Болдирев агарчи дар солҳои баъд ба таври мудовим дар Тоҷикистон назист, аммо рафтуомад мекард бо фарзандони барӯманди ин кишвар, чун Садриддин Айнӣ, Сотимхон Улуғзода, Мирзо Турсунзода, Абдусалом Деҳотӣ, Мирсаид Миршакар ва ғ. дӯстӣ дошт, дар заминаи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ тадрис мекард, ва пажӯҳишҳо анҷом медод. Соли 1969 унвони ифтихории «Арбоби шоистаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Устод эъто шуд; дар 1977 ҷоизаи байналмилалии Шӯравӣ ва Эрон ба номи «Фирдавсӣ» ва дар 1979 ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи «Абӯалӣ Сино»-ро дарёфт кард.

Устод А.Н. Болдирев 4 июни соли 1993 дар Санкт Петербург, дар манзили худашон дори фониро падруд гуфт ва дар гӯристони «Серафим» оромгоҳ ёфт.

Ба тавре ки проф. Стеблин Каменский, Райиси донишкадаи ховаршиносии Донишгоҳи давлатии Санкт Петербург, шогирди шоистаи Устод Болдирев, дар пешгуфтори ёддоштҳои Устод навишта, ҷосусони амниятии шӯравӣ ба дунболи Устод буданд, аммо чунон хуш иттифоқ меафтода, ки Устод аксаран дар мусофиратҳо мебудааст – гоҳе дар Ленинград (Санкт Петербурги кунунӣ), гоҳе дар Сталинобод (Душанбеи кунунӣ) ва гоҳе дигар дар мағзи кӯҳистонҳо.[1]

Корҳои Устод Болдиревро ба панҷ гурӯҳ метавон тақсим кард: 1) гирдоварӣ ва чопу нашри осори шифоҳии тоҷикон; 2) тасҳеҳ ва чопи матнҳои адабӣ; 3) пажӯҳишҳои илмӣ; 4) китобҳои дарсӣ; 5) парвариши шогирдон.

---

[1] А.Н. Болдырев. Осадная запись. (Блокадный дневник). СП б, 1998, с. 10.

*1) Осори шифоҳӣ.* Устод Болдирев аз шумори нахустин пажӯҳишгарон (монанди: Лутфулло Бузургзода, Раҷабалӣ Ҷалилов, Мирзо Турсунзода) аст, ки бо забти сурудаҳои мардумии тоҷикон шуғл варзидаанд. Эшон садҳо русторо дарнавардида, ба ҳазорон хона сар зад ва ҳазорон байт шеъри халқиро ёддошт кардааст.

Дар 1936 Устод ҳамосаи мардумии тоҷикӣ «Гӯр ғулӣ» (ғулзодаи гӯр)-ро, барои нахустин бор забту нашр кард. (Монанди ин ҳамосаро мардумони дигар низ доранд, бо номҳои «Гӯр уғлӣ», «Кӯр уғлӣ» ва ғ.).

Устод Болдирев зимни ин ҳамоса пажӯҳише анҷом дод, ки арзиши усулии худро ҳанӯз аз даст надодааст: вазнҳои ин ҳамоса идомаи суннатҳои бостонӣ, чун «шеъри хусравонӣ» аст, яъне ҳам ин ҷо ва он ҷо оҳанги сухан, ҳангоми сароиш, бо кӯмаки пораҳои мусаҷҷаъ танзим мешавад. Устод Болдирев дар 1938 «Фолклори тоҷик»-ро ба чоп расонд, ки нахустин китоб аз осори шифоҳии ғиноии тоҷикон буд. Ин китоб шӯҳрати бузургу шоистае пайдо кард. Баъдан Устод Мирзо Турсунзода, сипаҳсолори воқеии шеъри навини тоҷик бо эшон ҳамроҳ шуд. Ин китоб борҳо таҷдиди чоп шуд, имрӯз ҳам чопу нашр мешавад.

Кори фолклориро Устод Болдирев то поёни умри хеш раҳо накард. Чунонки пешгуфтори арзишманде, ки барои китоб Нисор Шакармуҳаммадов навишта, аз ҷумлаи охирин корҳои Устод ба шумор меояд.

*2) Матни адабӣ:* Мехостам қайд кунам, ки “хизмати асосии Устод Болдирев дар соҳаи матн буд». Аммо тардид пеш омад: миёни хадамоти панҷгонаи Устоди бузургвор, арҷ ниҳодан барои яке, душвор аст.

Ба ҳар ҳол, Устоди мо дар риштаи матни адабӣ, таҳия ва дастраси хонандагон кардани он, корҳои бузурге анҷом дода, ки ба чанде аз онҳо ишора мешавад.

Соли 1938 гузидае аз «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ, барои нахустин бор, ба хати лотинии тоҷикӣ чопу нашр шуд. Ин кор бо ҳиммати Устод Болдирев анҷом ёфта буд.

Соли 1940 гузидае аз ғазалиёти Хоҷаи Шероз, барои аввалин бор ба хати лотинии тоҷикӣ чопу нашр шуд. Ин кори шарофатмандона ҳам бо ҳиммати Устод сурат гирифт. Ин китоб бо такмилу пешгуфтори арзишманде, дубора дар соли 1951, аммо ин бор ба хати кирилии тоҷикӣ, таҷдиди чоп шуд. Осори Хоҷа Ҳофиз солҳои баъд дар Тоҷикистон борҳо ба табъ расид, аммо чопи Устод Болдирев аз ҷумлаи беҳтаринҳо ба ҳисоб меравад.

«Таърихи Бадахшон» яке аз манбаъҳои муҳим барои таърихи Тоҷикистон ба шумор меояд. Матни ин китоби арзишмандро Устод Болдирев таҳия кард, ва бо пешгуфторе комил дар 1951 дар Маскав ба чоп расонд.

Яке аз ёдгориҳои барҷастаи насри бадеии форсӣ-тоҷикӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ» навиштаи Зайниддин Маҳмуди Восифии Хуросонӣ (садаи XVI), мавриди истифода ва истиноди фаровон буд, аммо матни саҳеҳе аз он мавҷуд набуд. Агарчи дар бораи рӯзгори ин нависанда ва аҳамияти асараш Устод Садриддин Айнӣ корҳое анҷом дода, вале кори асосӣ ҳанӯз дар пеш буд.

«Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар таърихи фарҳанги мо ҷуз аз ҷанбаҳои илмию таърихӣ ва адабӣ, як арзиши барҷастаи назарӣ ҳам дорад: тавассути он, навъи вожаи «ёддошт» дар адабиёти форсии тоҷикӣ пойдор шуд. Устод Болдирев беш аз сӣ сол аз умри гаронмояи худро ба омӯзиши рӯзгори ин нависанда ва китоби ӯ бахшид, ва матни мусаҳҳаҳи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-ро (бар асоси 25 нусхаи қаламӣ) таҳия кард, ки дар ду ҷилд, соли

1961 дар Маскав, ва солҳои 1970 ва 1972 (бо кӯшиши Камолиддин Садриддинзода Айнӣ) дар Теҳрон ба табъ расид.

Муаррифии қадимтарин нусхаи хаттии осори Шайх Саъдӣ, ки андаке пас аз даргузашти шоир, яъне дар соли 691 ҳиҷрӣ анҷом ёфтааст, ба қалами Устод Болдирев ва донишманди тоҷик, равоншод Шоҳин Шоев тааллуқ дорад.

Тарҷумаи русии «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ ва «Рисолаи мусиқӣ»-и Абдураҳмони Ҷомӣ аз ҷумлаи хидматҳои дигари шоистаи Устоди мо ба шумор меояд. Яке аз корҳои арзишманди Устод, вероиши тарҷумаи русии «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ мебошад, ки Силсилабону Лоҳутӣ (ҳамсари устод Абулқосим Лоҳутии Кирмоншоҳӣ) анҷом дода, ва дар Маскав интишор ёфтааст.

*3) Пажӯҳишҳои илмӣ:* Дар бораи кори асосии Устод Болдирев, ки дар заминаи зиндагӣ ва мероси Восифӣ сурат гирифтааст, дар боло ишора шуд. Китоби бузургҳаҷми Устод, бо номи «Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, нависандаи садаи XVI» дар Душанбе соли 1957 табъу нашр ва дар соли 1989 бо такмил, дубора ба чоп расид.

Огоҳӣ дар бораи Дарвеши Деҳакӣ ночиз буд. Устод Болдирев дар заминаи баррасии нусхаи хаттии нодири девони ин шоири тавоно, вале ношинохта, пажӯҳиши арзишманде ба амал овард (1959). Ҳамин навъ пажӯҳишро Устод дар мавриди Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, шоири чирадасти асри XVI ва нависандаи тазкираи пурбаҳои «Мизкар-ал-ҳубоб» низ анҷом додаанд (1940). Аз корҳои муҳими дигари Устод, ки қимати худро ҳанӯз гум накардааст, яке «Даврабандии таърихи адабиёт» (1968) ва дигарӣ «Адабиёти форсӣ аз қарни VIII то оғози қарни XVIII мелодӣ» (1971) аст.

Устод Болдирев дар мавриди устод Рӯдакӣ, Бӯалӣ Сино, Ҳаким Фирдавсӣ, Умари Хайём, Шайх Саъдӣ, Ҳаким Низомӣ, Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Хоқонии Шервонӣ, Мавлоно Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Файёз ва ғ. мақолаҳое навишта ва нукоти муҳимеро аз рӯзгору осори онон, зикр кардааст. Мақолаи Устод дар бораи ташаккули забони меъёри форсӣ, ки 45 сол пеш навишта шудааст (маҷаллаи «Масоили забоншиносӣ», 1955, шумораи 5, 1956, шумораи 4, чопи Маскав, ба забони русӣ) арзиши худро ҳанӯз аз даст надодааст.

Устод Болдирев аз зумраи пажӯҳишгарони камшуморе буд, ки зери бори идеологии камунистӣ нарафтанд, ба хотири ҷоҳу нон, ва медалу нишон ба сохтакорӣ тан надодаанд. Ҳеҷ пораеро аз навиштаҳои Устод наметавон пайдо кард, ки шакку тардид эҷод кунад, яъне ҳукме бедалел, муболиғаи сустбунёд дарбар дошта бошад. Ҳар касе ҳам рӯшан эҳсос мекунад, ки виҷдони поки пажӯҳишгарӣ ва мантиқи матини илмӣ ҳамеша ва ҳама ҷо дар ҳар ҳол парчами кории Устоди бузургвор будааст.

Имрӯз, ки бо инояти Худованд, ҷойгоҳи Эрони гиромӣ беш аз пеш баландтар ва рӯшантар меояд ва пешбинӣ мешавад дар садаи XXI ин ҷойгоҳ ҷаҳонӣ хоҳад гашт, умед меравад, ки ба таърихи эроншиносӣ низ таваҷҷуҳе шоиста шавад; ва дар ин партав, ҳама кори Устод Болдирев низ мӯ ба мӯ санҷида ва ҳама ҳусниёташ ошкор хоҳад шуд. (Дар он сурат, ин беадолатии Дабирхонаи Шӯрои густариши забон ва адабиёти форсӣ, ки Устод Болдиревро дар шумори чиҳил тан эроншиноси баргузидаи ҷаҳон наёвардааст, рафъ хоҳад шуд).

Дар ин маврид, барои нишон додани сиришти пажӯҳишгарии Устод Болдирев, танҳо ба яке аз хидматҳои ҷасуронаи ӯ, ишорае хоҳад шуд.

Орифи машҳур, намояндаи барҷастаи тариқати нақшбандия, Хоҷа Абдулло Аҳрорро (садаи XV), ки берун аз Хуросону Мовароуннаҳр низ нуфуз дошт, донишмандони шӯравӣ хеле бадном карда буданд, аз қабили ҷоҳил, мутаассиб, иртиҷоӣ, муфтхӯр, сарватманд ва ғ.. Устод Болдирев ин мантиқро пай гирифт: Агар Хоҷа Аҳрор, ин андоза шахсияте баду манфӣ буд, пас чи тавр мусбаттарин ашхоси он рӯзгор: Ҷомӣ ва Навоӣ дасти иродат ба домони ӯ заданд?..

Устод гом ба гом, бо сабру бардошти тамом, ба далоилу асноди қотеъ собит кард, ки арзёбии муаллифони шӯравӣ асоси воқеъӣ надорад. Яъне Устод тавонист дар мавриди Хоҷа Аҳрори Валӣ ҳақиқатро бар маснади худ биншонад.

Он сабки дақиқнигорӣ, ки Устод Болдирев дар қиболи мавзуъ ва дарунмояи таҳқиқ ба кор гирифта, бегумон дар тарзи нигориши эшон низ асаре пурсамар доштааст. Дар корбурди вожа ва сохтмони таркиб, амалкарди Устод заргарона аст; чунончи вожае ҳазф гардад, гиреҳе аз силсила берун меафтад; иборае бозсозӣ шавад, нигин осеб мебинад … Сабки нигориши Устод Болдиревро шогирдонашон ва пажӯҳишгарони хушназар «сабки телеграфӣ» номидаанд, ки ин арзёбӣ хеле ҳам дурусту воқеъӣ аст.

Нуктаи дигаре, ки барои пажӯҳишгарони ҷавон қобили омӯзишу пайравӣ аст, ин аст ки Устод Болдирев аз «ман» ва «мо» дар сухан (чи навишта ва чи гуфтугӯ) сахт парҳез мекард. Гумон меравад, ин корро ҳам ба хотири эҳтироми хонанда мекард, ҳам барои ҳифзи ҳувияти нафси худ.

*4) Китобҳои дарсӣ:* Устод Болдирев аз соли 1931 то поёни умраш ба омӯзгорӣ пардохт, яъне беш аз шаст сол – як умри одамӣ! – ба ин кори шарофатмандона машғул будааст. Ва дар тӯли ин умри пурбаракат, ба таълифи китоби дарсӣ низ даст зада, ки танҳо ба ду ишора мешавад: а) китоби дарсии донишгоҳӣ аз таърихи адабиёти Хоразмин; ки бахшҳои адабиёти Эрону Афғонистон ва Тоҷикистонро Устод Болдирев навиштааст, б) китоби дарсии дабиристонҳои тоҷикӣ.

Ин нукта қобили таъкид аст, ки дар мактабҳои тоҷикӣ адабиёт ба унвони воҳиди «таърихи адабиёт» тадрис мешавад. Ва «Таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ» дар се соли таҳсилии дабиристон, чунин тақсимбандӣ шудааст:

соли якум – адабиёти қадим то асри XV;

соли дувум – аз асри XVI то аввали асри XX;

соли севум – адабиёти навин;

Устод Болдирев яке аз муаллифони китоби дарсӣ барои соли дувум буд.

*5 – Кор бо шогирдон:* Устод Болдирев лаёқати раҳбарии бисёр хуб дошт. Эроншиносони Санкт Петербург дар соли 1966 Анҷумани худро таъсис карданд ва профессор Болдиревро ба раёсати он баргузиданд. Устод ин вазифаро то поёни умри худ анҷом дод, ва хеле хуб ҳам анҷом дод.

Рафтори Устод бо шогирдон оддӣ буд; бисёр оддӣ.Ончунон оддӣ, ки гумон мекардӣ, ин ҳамгуфтор падарат бошад, ё бародарат, ва ё дӯсте бисёр наздик. Танҳо бо ин тафовут, ки ин ҳамгуфтор ҳамаро медонад. Ҳамаро медонад, ва аммо донистаи худро ба намоиш намегузорад, балки ба андозае нарму номаълум ва худмонӣ ироа медиҳад, ки ангор худат ҳам онро медонистӣ. Шояд натиҷаи ҳамин отифа буд, ки ҳеҷ яке аз

шогирдони Устод пушт нагардонданд, балки ёду хотираи эшонро гарму гиромӣ ногоҳ медоранд, ҳатто муқаддас медонанд.

Ин нукта сазовори таъкид аст, ки теъдоди шогирдони Устод Болдирев чандон зиёд набуд. Ва ин ҳол ду сабаб дошт: яке – ҷузъӣ, ва дигарӣ - аслӣ.

Нахуст ин, ки Устод сахтгир буданд ва бе гузашт, ва ҳар булҳавасро ба шогирдӣ намепазируфтанд.

Дигар – системаи шӯравӣ ба рушди илми ховаршиносӣ ва махсусан дар ҳавзаи Санкт Петербург, таваҷҷуҳи муносиб надошт. Замоне ин шаҳр аз марказҳои муҳими ховаршиносии ҷаҳон ба шумор меомад ва донишмандоне монанди: В.В. Бартолд, А.И. Крачковский, В.В. Струве, А. Фриман, И.А. Бертелс, ва ғ. зиндагӣ ва кор мекарданд, ва аммо дар охири асри XX мелодӣ машъали тобони ховаршиносӣ хеле хира гашт. Устод Болдирев мегуфтанд: Солҳост, ки давлат барои донишпажӯҳии эроншиносӣ ҷой намедиҳад…

Устодии Устоди мо, албатта ки танҳо бо илму дониш маҳдуд набуд. Балки эшон мекӯшиданд, аз кулли ҷузъиёти зиндагии шогирди худ огоҳ бошад, ва ҳеҷ маслиҳатеро ҳам дареғ намедонистанд (ки ин маънӣ дар бахши дигар аз ҳамин гуфтор собит хоҳад шуд).

Аз шогирдони Устод Болдирев: проф. И.М. Стеблин Каменский, проф. О.Ф. Акимушкин, Маҳмудҷон Солеҳӣ, В.Г. Гозев, проф. Муҳаммадрӯзӣ Усмонов, проф. А.А. Гвахария, проф. З. Ворожейкина, проф. Ҳамидҷон Ҳомидӣ, Расул Ҳодизода, Наҷмӣ Сайфиев, Камол Айнӣ, Мирзо Аҳмадзода, Аҳмад Абдуллоев ва ғ. имрӯз бо пажӯҳишҳои дилпазири эроншиносӣ машғуланд, яъне кори Устод Болдиревро идома медиҳанд.

4. Мояи ифтихори нигоранда аст, ки саодати шогирдии Устоди бузургвор Болдиревро дарёфтааст.

Ба таъйиди ишораҳое, ки дар робита бо сиришти инсонию донишмандӣ ва роҳбарии Устод, дар фавқ анҷом шуданд ва низ барои шодмонии худ мехоҳам чанде танҳо ба танҳо бо ёди гиромии Устод бошам.

Бовар ҳаст, ки дар бораи рӯзгор ва осору ҷойгоҳи Устод Болдирев китобҳои ҷиддӣ навишта хоҳанд шуд. Ва аммо дар ин фурсати муносиб, нигоранда ният дорад, чанде аз ёддоштҳое, ки нишондиҳандаи возеҳи сиришти Устод ҳастанд, бо хонандаи гиромӣ дар миён гузошта шаванд.

Солҳои 1963-1966 давраи донишпажӯҳиро дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон сипарӣ мекардам ва бо роҳбарии устод Соҳиб Табаров, аъзо корреспонденти Академияи илмҳои Тоҷикистон рисолаи номзадиро дар мавзӯи: «Саҷъ ва сайри таърихии он дар адабиёти форсии тоҷикӣ» кор кардан мехостам. Манбаъҳои адабӣ ва назарии мавҷуд дар Душанбе фаро гирифта шуданд ва бо маъмурияти думоҳаи илмӣ Тошканд рафтам (соли 1963).

То замони мусофират ба Тошканд ошноии дуродур бо Устод Болдирев доштам, он ҳам аз тариқи китоби дарсии адабиёт, ва сӯҳбатҳои устодон А. Мирзоев, Ш. Ҳусейнзода, махсусан Устод С. Табаров, ки бо эҳтироми зиёд сӯҳбат мекард ва аз ҷумла мегуфт, ки бо устод А. Мирзоев дӯстони қаринанд.

Ва аммо дар Тошканд тасаввуротам рӯшантар шуд. Ва ин тавассути Ҳамидҷон Ҳомидӣ буд. Бо эшон дар китобхонаи Институти ховаршиносии «Абӯрайҳон Берунӣ»-и Тошканд, дар нахустин рӯз аз мусофиратам, ошно шудам. Ҳ. Ҳомидӣ акнун профессор,

доктори илмҳои филологӣ, устод ва мудири гурӯҳи адабиёти классикӣ дар Донишгоҳи омӯзгории «Низомӣ»-и Тошканд – он замон донишпажӯҳ дар ҳамон Донишгоҳ буд, ва чанде пеш, аз мусофирати Санкт Петербург баргашта буд. Ҳамидҷон бо ҳарорату ҳаяҷон аз Устод Болдирев ситоиш кард. Аз ҷумла гуфт: Тарҳи корамро пурсид, арз кардам, ки дар бораи тарҷумаи туркии «Шоҳнома» рисолаи номзадӣ менависам ва намедонам, корро аз куҷо оғоз кунам; ва Устод Болдирев маслиҳат дод, ки дар ҳоли ҳозир танҳо бо достони «Рустаму Сӯҳроб» басанда кунам ва муқоисаи комил бо аслаш ба амал оварам. Ҳ. Ҳомидӣ аз ин хушҳол буд, ки вазифааш мушаххас аст, тарҳи кор ҳам рӯшан ва ин ба шарофати Устоди Донишгоҳи Санкт Петерсбург проф. Болдирев сурат гирифтааст …

Дар тирамоҳи соли 1965 дар Санкт Петербург ҳузур ёфтам. Аз ин мусофират ду ғараз дар даст буд: 1) гирд овардани мавод аз ганҷинаҳои хаттии Институти ховаршиносии Китобхонаи миллии «Салтиков Шедрин» ва Донишгоҳ; 2) дидор ва мушовира бо Устод Болдирев, мудири кафедраи эроншиносӣ.

Равоншод хонуми Яна Александровна Часова, котибаи кафедраи эроншиносӣ, ки инсоне бисёр меҳрубон буд ва аз шоирию тарҷумонӣ огоҳӣ дошт, дидор бо Устодро фароҳам овард, ва чанд дидору сӯҳбати самимона доштем. Нафъе, ки бардоштам, асосан дугона буд: нахуст – роҳнамоӣ кард, ки дар ошноӣ бо манбаъҳо аз киҳо мадад ҷӯям; дигар, дар тарҳу сохтори рисола роҳнамоӣ кард.

Ҳамоне, ки дӯстам Ҳамидҷон мегуфт, бо банда ҳам такрор шуд. Устод пурсид, ки вазифаро чи тавр мебинед? Гуфтам: падид овардани таърифи санъати саҷъ ва пайгирии сайри таърихии он дар адабиёт. Гуфт: гумон намекунед, ки мавзӯъ васеъ бошад? Гуфтам: васеъ менамояд, дар Маскав проф. И. Брагинскийро дидам, у ҳам шубҳа кард ва маслиҳат дод, ки ба доираи наср, маҳдуд шавам. Устод фармуд: Назари ман ҳам чунин аст, агар домулло С. Табаров пазиранд, унвони корро «Саҷъ ва сайри таърихии он дар насри форсии тоҷикӣ» кунед.

(Устод С. Табаров ва Шӯрои илмии Донишгоҳи мо пешниҳоди Устод Болдиревро пазируфтанд; кор дар соли 1966 анҷом шуд ва соле баъд ба ҳимоя расид; дар соли 1970 чопу нашр шуд ва шодравон доктор Парвизи Хонларӣ онро дар маҷаллаи «Сухан» муаррифӣ кард).

2. Дар масъалаи дарёфти микрофилм ва нусхаҳои хаттии нодир монанди «Бадоеъ-ул-саноеъ» навиштаи Атоулло Маҳмуди Ҳусейнии Нишопурӣ (маҳфуз дар бахши дастнависҳои Китобхонаи миллии «Салтиков Шедрин»), «Рисолаи пирӯзӣ ва мақолаи наврӯзӣ» таълифи Ҳамидаддин Маҳмуди Наҷотии Нишопурӣ (дар Институти ховаршиносӣ) ва ғ. аз Устод кӯмакҳо ҷуста ва ёфтаам.

3. Дар ҳамон мусофирати нахуст, дар Санкт Петербург, рисолаи гаронбаҳои Амир Бурҳониддин Атоулло Маҳмуди Ҳусейнии Нишопурӣ бо унвони «Бадоеъ-ул-саноеъ» кашф шуд. Баррасиҳои баъдӣ нишон дод, ки ин муаллиф ақидаҳои донишмандони Аҷаму Арабро дар мавриди санъатҳои бадеӣ ҷамъбандӣ кардааст. Камина аз тариқи нома пурсидам, ки оё пажӯҳише дар муқоисаи «Бадоеъ-ул-саноеъ» бо манобеъи пешини назарии адабӣ (осори Родуёнӣ, Ватвот, Шамси Қайс, Шарафиддин Ромӣ ва ғ.) муносиб аст? Устод Болдирев посухи мусбат доду гуфт, ки мурахассии дусола дошта бошам ва дар хобгоҳи донишпажӯҳони Академияи илмҳо (воқеъ дар хиёбони «Морис Тереза» 37) иқомат гузинам.

4. Дар тирамоҳи соли 1977 райиси Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, устод Пӯлод Бобоҷонов мусоидат кард ва мувофиқати Шӯрои илмии Донишгоҳ низ содир шуд, ки банда давраи дусолаи докториро дар кафедраи эроншиносии Донишгоҳи давлатии Санкт Петербург басар бибарам.

Бо дархости Устод П. Бобоҷонов ва Устоди шаҳид Муҳаммад Осимӣ, райиси Фарҳангистони илмҳои Тоҷикистон, дафтари марказии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ҳуҷраеро дар хобгоҳи мавриди назар дар Санкт Петербург ҷудо кард, ки солҳои 1977 ва 1979-ро ҳамон ҷо басар бурдам.

Росташ, он ду сол аз давраҳои тиллоии умри нигоранда буд. Танҳоӣ ва хилват, устоде меҳрубон, машғулӣ танҳо бо як кор: кори дӯстдошта… Хазинаи хотираҳо аз он ду соли гуворо моломол аст, ва аммо чун маҷол танг аст, ба ишораи чанде басанда мешавад. Пеш аз ҳама дар бораи риволи кор:

а) Ҳафт рӯз машғули кор будам ва рӯзи ҳаштум бо Устод дидор мекардам. Бахши анҷомшудаи корро таҳвил медодам, бахшеро ки дида буд, таҳвил мегирифтам; ба пурсишҳо посух меёфтам.

б) пайваста аз шароити зиндагӣ, аз хобу хӯрок, аз авзоъи хонавода мепурсид. Ба пӯшоки танам эътибор медод, даст-даст мекарду медид, ки оё дар даст ду дастпӯшак дорам? Маслиҳат дод (ва муваффақ ҳам шуд), ки рӯи ҳам ду дастпӯшак пӯшида бошам; ба иллати сармои шадиди Санкт Петербург. Ҳатто бовари худам намеояд, аммо воқеият ин буд, ки Устод борҳо бо дастони худ санҷида, ки оё ҷуробҳоям пашмӣ ва дутоӣ аст!

в) Устод на танҳо аз барномаи кору истироҳати шабонарӯзӣ огоҳӣ дошт, балки дар танзими он, ширкат низ мекард.

Дар канори хобгоҳ парки ҷангалӣ воқеъ буд. Ҳар рӯз ду соат дар парк гардиш мекардам. Рӯзе Устод пурсид, ки то куҷои парк меравам? Гуфтам, ки то поёнаш нарафтаам, аксар аз марказ бармегардам. Маслиҳат дод, ки дар ҷои камодам набошам, гуфт: “ҷангал одамони нобоб ҳам дорад”. Ҳодисаеро ки се рӯз пеш рух дода буд, нақл кардам:

Дар гӯшае аз ҷангал оҳиста қадам мезадам, вақти бозгашт ба хобгоҳ буд, парк ҳам хилват шуда буд. Ҷое расидам, ки ду ҷавон ва ду духтар рӯи хараке нишаста буданд. Садо карданд, салом додам. Даъват карданд, наздашон рафтам. Дар пеш ду шиша ҳам ҳаст, яке холӣ ва дигарӣ шароби нима дошт. Шароб дароз карданд, баҳона пеш овардам, ки пизишкон маслиҳат намедиҳанд. Сӯҳбатро ба тарафҳои каммаънӣ бурданд (“биравем хобгоҳи мо …”) шубҳа падид омад. Узр пеш овардам, ки “бояд баргардам, ҳамроҳонам рафтанд, чун таъхир кардаам, ба дунболам хоҳанд омад”. Яке аз духтарон гуфт: “Бигзоред, биравад”. Ва ҷавобам доданду рафтам …

Устод аз ин ҳикоят сахт ба ҳаяҷон омад ва ҷиддан таъкид кард, ки танҳо нагардам, даруни ҷангал наравам ва дар ҷои камодам гардиш накунам. Аммо ман дар тааҷҷуб будам (ва ҳастам), ки Устод он иттифоқро аз куҷо пай бурд?

Дар гардишҳои баъдӣ бо ҳамроҳ мерафтам, бо ҷавононе монанди Бобоназар Бобохонов, Боғшоҳ Лашкарбеков, Додихудо Саймиддинов ва …, ки дар ҳамон хобгоҳ мезистанд ва давраи номзадиро мегузаронданд.

д) Комиссияи олии арзёбӣ (ВАК), ки дар ҳузури Шӯрои вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ амал мекард, рисолаҳои номзадӣ ва докториро танҳо ба забони русӣ мепазируфт, бинобар ин, муаллиф бояд корашро ё ба русӣ менавишт, ва агар наметавонист бояд тарҷума

мекард. Ин масъала усулӣ буд ва бояд дар ибтидо ҳал мешуд. Устод ҳам медонист, ки ҳар ду забонро медонам, вале табиист, ки дар забони худам беҳтар менависам.

Устод тавсия кард, ки ин мавзуъро бо хонум доктор Нина Петровна Ричкова (равонаш шод бод!) ба миён гузорам. Вай ба забони форсии тоҷикӣ тасаллути комил дошт (дар заминаи достонҳои кӯтоҳи Ҳаким Карим пажӯҳиши хубе, зери роҳбарии Устод Болдирев навиштааст), аммо русӣ забони модариаш буд.

Бо хонум доктор Ричкова қарор бар ин шуд, ки бахшеро ба забони тоҷикӣ ба ихтиёри эшон гузорам. “Арӯз дар сарчашмаҳои назарӣ” омода буд; пас аз дидан гуфт, ки тарҷума карданаш сангин аст, худатон ба русӣ нависед, шояд вероиш осонтар бошад. Ва дарвоқеъ, ин роҳи дуввум писандида афтод. Бахшеро ба русӣ менавиштам, хонум доктор Ричкова вероиш мекард, сипас ҳуруфчинӣ мешуд ва Устод медиду фикру мулоҳизаҳои худро дар ҳошия менавишт, дубора медидаму Нина Петровна ҳам нигоҳ мекард, ва мерафт барои ҳуруфчинии дуввум …

Ҳамин тариқ, рисола дар мавзуъи “Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ ва масоили шаеършиносии классикии форсӣ-тоҷикӣ дар асрҳои X то XV” дар баҳори соли 1979 ба поён расид ва дар кафедраи эроншиносӣ мавриди арзишёбӣ қарор гирифт. Устодон: Михаил Николаевич Боголюбов, Абдураҳмон Тоҳирҷонов, Чингиз Байбурди, Анна Зиновйевна Розенфелд, Сергей Николаевич Соколов, Олег Федорович Акимушкин, Зинаида Николаевна Ворожейкина ва … ҳузур доштанд. Устод Болдирев аз пеш маслиҳат дод, ки аз посух гуфтан худдорӣ кунам. Фикрҳо гуногун буд: ҳам мусбат, ҳам манфӣ. Бо ситоишҳо коре надоштам, аммо он чи танқид буд, ёддошт мекардам, чи дуруст ва чи нодуруст.

Пас аз баррасӣ, як моҳ муҳлат доданд. Ва баъд аз як моҳ, ҳангоме дубора ҷамъ шудем, дар оғози ҷаласа Устод Боголюбов (ки раёсати донишкадаи ховаршиносиро низ бар ӯҳда дошт), гуфт ки дар маҷмуъ понздаҳ эрод дорад, ҳафттои онҳо (фалон-фалон)-ро бозпас мегирад ва барои бақия тавзеҳ мехоҳад. Ҳамин тавр, Устод Тоҳирҷонов низ аз чанд эроди худ даст кашид. Тавзеҳи лозима ироа ёфт, кор мавриди писанд қарор гирифт ва барои ҳимоя тавсия шуд.

Устод пурсид, ки рисоларо барои ҳимоя куҷо пешниҳод кардан мехоҳам? Дар Маскав, Тошканд, Боку, Душанбе? Иқболи банда набуд, ки муҳлати ваколати Шӯрои илмии Санкт Петербург ба поён расида, ва маълум набуд, ки давраи навро ВАК кай ба тасвиб мерасонад?

Табиист, ки шаҳри худамро баргузидам. Дар Душанбе он замон ду Шӯрои илмӣ: ҳам дар Донишгоҳи давлатии Душанбе ва ҳам дар Фарҳангистони улуми Тоҷикистон ҳаққи ҳимояи рисолаҳоро дар соҳаи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дошт. Гузиниши бандаро Устод ҳам писандид, аммо дар Душанбе маросими ҳимоя бо сабабҳои беасос ақиб мемонд. Устод аз ин таъхир сахт нороҳат мешуд.

Маросими ҳимоя соли 1980 дар Шӯрои илмии Фарҳангистони улуми Тоҷикистон баргузор шуд ва ҷолиб ин буд, ки ду тан аз шогирдони маҳбуби Устод Болдирев: профессор Муҳаммад Нурӣ Османов ва профессор Александр Гвахария дар ҳайати доварон ҳузур доштанд.

Коре, ки дар Санкт Петербург зери сояи Устоди гаронқадр Болдирев анҷом шуд, дар ду китоб ба чоп расид: “Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ” (Душанбе, Дониш, 1983) ва “Шеършиносии классикии форсӣ-тоҷикӣ дар садаҳои X то XV” (Tadziksko-persidskaya

klassiceskaya poetika v X-XV vv. M., Nayka, 1989). Хеле мехостам, ки ин кор ба забони худам: форсии тоҷикӣ низ чопу нашр шавад.

5. Устод хотираи тавонманде дошт ва дар мавридҳои муносиб байтҳои ибратомӯз ба забон меовард. Яке ҷиҳати намуна нақл мешавад.

Боре сухан аз "тахаллус" ва "ҳусни тахаллус" рафт. Арз шуд, ки Атоулло истилоҳи худии "гурезгоҳ"-ро ворид кардааст; шояд ба ин далел буда, ки "тахаллус" бори маънавии дигаре падид оварда ва ба ҷои ному насаб ва лақабу имзо корбурд пайдо кардааст. Устод ба андеша фуру рафт. Аз ҷой бархост, аз рафи китобҳояш бастаеро бардошту пешам гузошт ва фармуд: "ҷустуҷуро идома диҳед, мақола нависед, аз ин мавод ҳам истифода кунед … муддатҳост, ки ҳамин мавзуъ диққати маро ҳам кашида буд". Дар хиҷолат мондаму аз таҳи дил гуфтам: "Устод шумоед, ин кор аз дасти худатон хеле нағз меояд". Устод бо табассуме шукуфон гуфт: "Мавлавӣ Ҷомӣ фармудаанд:

*Аз бақо гардун қабое бар қади як тан надухт*
*Хилъате бас фохир омад умр, айбаш кутаҳӣ аст*".

6. Борҳо мушоҳида шуд, ки Устод шиканҷаи рӯҳӣ мекашад. Ба далели ихтилофе, ки миёни ду сиришти худ, раҳмдилӣ ва ростгӯӣ дошт. Барои мисол, ба се ҳодиса ишора мешавад.

а) ВАК баъзе аз рисолаҳоро барои назарсанҷии пинҳонӣ ба мутахассисони мавриди эътимоди худ медод. Устод Болдирев ҳам аз ҷумлаи чунин афроди муътамад ба шумор меомад. Боре Устод дарди дил мекард, ки: "як рисолаи доктириро дар мавриди достонҳои Ҳаким Низомӣ фиристодаанд; кор бисёр заиф аст ва дуруғ фаровон дорад, аз сӯи дигар, муаллиф ки эҳтимолан зану бача ҳам дорад, интизории тасдиқи корашро мекашад ва умедвор аст, ки маошаш бештар шавад…". Устод корро чанд моҳ нигоҳ дошт, чанд бор хонд ва саранҷом, пас аз андешаҳои дуру дароз ва ранҷовар, корро ба ВАК баргардонд, бо ин далел ки "масруф аст ва имкони мутолиа"-ро надорад, дар зимн дархост кард, ки барои назархоҳӣ дигар кор нафиристанд.

б) Яке аз олимон, китоби нави худро ба унвони ҳадя фиристода ва дар соядаст аз ҷумла оварда оварда буд: "Ба Устоди бузург ва фақид…", Устод бо хандае (ки талх ҳам буд), соядастро нишон дод ва дар равиши ҳамон хандаи талх гуфт: "Ман ки ҳанӯз ҳам зиндаам…", эҳсос мешуд нороҳатии Устод аз ин набуд, ки нависанда эшонро "фақид" гуфтааст, балки аз он буд, ки соҳиби сухан вожае ба кор бурда, ки маънии онро худ намедонад. Устод гуфт: "Калима корд аст, нодуруст истифода кунӣ, ё худатро маҷруҳ мекунӣ ё каси дигарро". Ин нишонаи бузургию таҳаммули Устод буд, ки хоҳиш кард қазияро ба муаллиф нарасонам (ман ӯро мешинохтам), то хиҷолат накашад …

в) Шодравон доктор Ҳамид Ниёзов корманди Институти шарқшиносӣ буд. Кореро бо мавзуъи "Тафсири нусхаҳои хаттӣ роҷеъ ба шеършиносии форсӣ-тоҷикӣ" анҷом дода буд ва барои баррасӣ дар Институт, назари яке аз устодони Донишгоҳро лозим медонист. Корро, аввал пеши профессор Тоҳирҷонов бурда буд, чун ӯ напазируфта буд, аз Устод Болдирев хоҳиш карда буд; Устод нақл мекард:

"Пурсидам, ки Тоҳирҷонов чӣ гуфтанд?". Ниёзов гуфт: "Гуфтанд, ки синнам ба ҳаштод қадам мондааст ва мехоҳам дар фурсати боқимонда корҳои нотамоми худамро сомон диҳам".

Устод Болдирев низ гуфта буд: “Посухи ман ҳам ҳамин аст …”.

Аммо сабаби аслии худдории устодон, дар сабки нигориши муаллиф пинҳон будааст; “кори илмиро дар сабки рӯзноманигорӣ анҷом дода”. Устод Болдирев аз сари дилсӯзӣ гуфт: “Вай зану бача дорад, эҳтимол, аз ҷои кораш ҳам биронанд … агар хоҳед, Шумо назар бидиҳед, ба худаш ҳам гуфтаам, ки аз Шумо хоҳиш кунад …”.

Банда он корро анҷом додам. Муаллиф то андозае ба тасҳеҳу такмил пардохт, ва ба чоп расид.

**маҷаллаи “Эроншинохт”,**
**тобистони 1378,**
**№ 13, саҳ. 342-363**